Численность популяций в стационарном случае удовлетворяет системе интегро-дифференциальных уравнений типа:

$$\frac{\partial \tilde{N}}{\partial a}+\sum_{i=1}^{2} V_i \frac{\partial \tilde{N}}{\partial x_i}=F\left(\tilde{N}(x,a),a\right)+\sum_{i=1}^{2} D_i \frac{\partial^2 \tilde{N}}{\partial x_i{}^2},\ x\in G,\ 0<a<\infty, \tag{34}$$

$$\tilde{N}(x,0)=\int_0^\infty B\left(\tilde{N}(x,\xi),\xi\right)d\xi,\ x\in G, \tag{35}$$

$$\tilde{N}\big|_S=0, \tag{36}$$

где $\tilde{N}(x,a)=\left(\tilde{N}_1(x,a)...\tilde{N}_m(x,a)\right)$– численность популяций в точке $x\in G$, $x\in(x_1,x_2)$, $0\le x_i\le L_i, i=1,2$; возраст *a,* $0\le a<\infty$; V_i, D_i- постоянные диагональные матрицы порядка m с неотрицательными элементами, $F=F(\cdot)$, $B=B(\cdot)$- m – мерные вектора, характеризующие смертность и рождаемость популяций.

Теорема 3.5.1. *Пусть* $F(\tilde{N},a)=A_0(a)\tilde{N}$, $B(\tilde{N},a)=B_0(a)\tilde{N}$, *где* $A_0(a)$, $B_0(a)$- *заданные матрицы порядка* m *определяются как в предыдущем пункте, тогда решение задачи* (35),(36),(37) *определяется следующим образом:*

$$\tilde{N}(x,a)=\frac{2}{\sqrt{L_1L_2}}Z(a)\sum_{n_1,n_2=1}^{\infty}\mu_{n_1n_2}(a)\cdot Sin\frac{\pi n_1x_1}{L_1}\cdot Sin\frac{\pi n_2x_2}{L_2}\cdot E_{DV}(x),\ x\in G,\ 0\le a<\infty \tag{37}$$

где

$$\mu_{n_1n_2}(a)=E_{\lambda n_1n_2}(a)\overline{\mu}_{\lambda n_1n_2}, \tag{38}$$

$$\overline{\mu}_{\lambda n_1n_2}:(I-A)\overline{\mu}_{\lambda n_1n_2}=0,$$

$$A=\int_0^\infty B(\xi)Z(\xi)E_{\lambda n_1n_2}(\xi)d\xi,$$

а матрица $Z=Z(a)$ *является решением задачи:*

$$\frac{dZ}{da}=A_0(a)Z,\ 0<a<\infty,$$

$$Z(0)=I.$$

Следуя **теореме 3.5.1.** мы докажем, что справедлива аналогичная теорема для 3-ой краевой задачи. Введем замену $\tilde{N}(x,a)=Z(a)\psi(x,a)$, тогда легче видеть, что функция $\psi(x,a)$ удовлетворяет задаче:

$$\frac{\partial\psi_k}{\partial a}+\sum_{i=1}^{2}V_ik\frac{\partial\psi_k}{\partial x_i}=\sum_{i=1}^{2}D_{ik}\frac{\partial^2\psi_k}{\partial x_i{}^2},$$

$\psi_k(x_1,x_2,a)=0$ при $x_i=0, x_i=L_i, i=1,2.$

Решение последней задачи представляется в виде:

$$\psi(x,a)=\frac{2}{\sqrt{L_1L_2}}\sum_{n1n2=1}^{\infty}\overline{\mu}^{k}_{n1n2}e^{-\lambda^k_{n1n2}a}Cos\frac{\pi n_1x_1}{L_1}\cdot Cos\frac{\pi n_2x_2}{L_2}\,e^{\sum_{i=1}^{2}\frac{V_{ik}x_i}{2D_{ik}}} \qquad (39)$$

и с учетом введенного обозначения получим (38).

Коэффициент $\overline{\mu}_{n1n2}$ определим так, чтобы имело место условие (35). Подставляя функцию (38) в (35), получим уравнение (40).

Следствие 3.5.1. *Если* $\det(I-A)\neq 0$, *то* $\tilde{N}(x,a)=0$. *В самом деле, однородная система* (41) *имеет только нулевое решение* $\overline{\mu}_{n1n2}=0$ *и в силу* (37) *получим, что* $\tilde{N}(x,t)=0$

Следствие 3.5.2. *Пусть* $\det(I-A)=0$, *тогда система* (38) *кроме нулевого решения имеет и ненулевые решения. Например,* $\overline{\mu}^{i}_{n1n2}=(-1)^{i-1}M_i$, *где* M_i *- миноры (m-1)-го порядка матрицы* $(I-A)$ *(предполагается, что ранг* $(I-A)=m-1$*).*
В этом случае $\left\|\overline{\mu}^{i}_{n1n2}\right\|\leq C_1\exp\left(-C_2\sum n_i^2\right)$, *где* $C_i=const>0$.

В шестом параграфе **третьей главы** приведено исследование численности изолированной популяции описываемой интегро-дифференциальной задачей для образования плоских, S-волн, стоячих и стационарных волн с учётом возрастного состава и пространственных распределений.

Пусть численность изолированной популяции описывается при помощи следующих уравнений:

$$\frac{\partial N}{\partial t}+\frac{\partial N}{\partial a}+\sum_{i=1}^{2}V_i\frac{\partial N}{\partial x_i}=F(N)+\sum_{i=1}^{2}\frac{\partial}{\partial x_i}\left(D_i(N)\frac{\partial N}{\partial x_i}\right), \qquad (40)$$

$$N(x,0,t)=\int_0^{\infty}B(N(x,\xi,t))d\xi, \qquad (41)$$

где $N=N(x,a,t)$ - численность популяций в точке $x\in E^2$,

$x=(x_1,x_2)$, возраста a, $0\leq a$ в момент времени t,

$0\leq t\leq\infty$, V_i, $F(\cdot)$, $D_i(\cdot)$, $B(\cdot)$ - биологические характеристики популяций.

Мы будем рассматривать для популяционной модели (39)—(41) образования плоских и S-волн. Плоские волны без учета возрастного состава изучены в работах[18], а S - волны были введены и изучены для нелинейных задач математической физики академиком А.А.Самарским[19] а также в работе Ю.М.Свирежева[13]

Стоячие волны. Рассмотрим нелинейную задачу:

$$\begin{cases} \frac{\partial N}{\partial t} + \frac{\partial N}{\partial a} = k_0 \frac{\partial}{\partial x}(N^\sigma \frac{\partial N}{\partial x}) + q_0 N^\beta , \\ N(x,0,t) = \int_0^\infty B(N(x,a^`,t))da^` . \;\; x \in E^1 , a \geq 0 , t \geq 0 , \end{cases} \tag{42}$$

где $\beta > 1,\ \sigma \geq 0,\ k_0,\ q_0$ - положительные константы. Введя замены $t = a + \tau$, $U(x,a,\tau) = N(x,a,a+\tau)$ получим систему S-волн:

$$\begin{cases} \frac{\partial U}{\partial a} = k_0 \frac{\partial}{\partial x}(U^\sigma \frac{\partial U}{\partial x}) + q_0 U^\beta , \\ U|_{a=0} = \int_0^\infty B(U(x,a,\tau)da^{``} . \end{cases} \tag{43}$$

Решение (43) будем искать в виде:

$$U(x,a,\tau) = g(a,\tau) f(\xi), \qquad \xi = \frac{x}{\varphi(a,\tau)} .$$

Таким образом, решение исходной части задачи имеет вид:

$$N(x,a,t) = \mu(t-a)[1 - q_0(\beta-1)\mu^{\beta-1}(t-a)a]^{-\frac{1}{\beta-1}} f(\xi), \tag{44}$$

$$M(t) = \int_0^\infty B_0(a)[1 - q_0\mu(t-a)a]^{-1}\mu(t-a)da. \tag{45}$$

Заметим, что если $\sigma + 1 \neq \beta$, то достаточно для определения функции $M(t)$ выполнения условия (44) в одной точке x (например, $x = 0$).

---

18 Раимзода Ф. Исследование нелинейных популяционных волн с учетом возрастного состава и пространственных распределений / Ф. Раимзода // Материалы международной научной конференции, посвященной 70–летию академика НАН Таджикистана Шабозова Мирганда Шабозовича (Душанбе, 24-25 июня 2022 г.) С.312-314.

19 Самарский А.А. Математическое моделирование. Идеи. Методы. Примеры / А.А. Самарский, А.П. Михайлов. – М.: Физматлит, 2005. – 320 с.

<u>Стационарные волны.</u> Рассмотрим задачу (43) в случае, когда $F(N)=0,\ \frac{\partial N}{\partial t}=0$.

$$\begin{cases} \frac{\partial N}{\partial a}=k_0\frac{\partial}{\partial x}(N^\sigma\frac{\partial N}{\partial x}),\ -\infty<x<\infty\ ,\ a>0, \\ N(x,0)=\int\limits_0^\infty B(N(x,\xi^`))d\xi^`. \end{cases} \tag{46}$$

Решение уравнения (46) будем искать в виде:

$$N(x,a)=g(a)f(\xi),\ \xi=\frac{x}{\varphi(a)}$$

Заметим, что если $\sigma+1=\beta$, то $\varphi(a,t-a)=\sqrt{\frac{k_0}{q_0}}$, $\xi=\sqrt{\frac{k_0}{q_0}}x$, $f(\xi)=f(\xi_0)$ и уравнение (46) принимает следующий вид:

$$\mu(t)=\int\limits_0^\infty\frac{B_0(a)\mu(t-a)}{[1-q_0\sigma\mu^\sigma(t-a)a]^{\frac{1}{\sigma}}}da. \tag{47}$$

В этом случае, волны, порождаемые формулой (47) по аналогии назовем S-волнами. Если же $\beta>\sigma+1$, то соответствующие волны (45) назовем HS и при $\beta<\sigma+1$ LS волнами.

Четвертая глава диссертационной работы посвящена алгоритму численного решения нелинейной интегро-дифференциальной задачи и разработки комплексов компьютерных программ для образования популяционных волн.

В первом параграфе **четвертой главы** для нелинейной системы интегро-дифференциальных задачи приведён алгоритм численного решения.

Во втором параграфе **четвертой главы** приведены описания и результаты комплекса компьютерных программ. Для решения нелинейной интегро-дифференциальной задачи разработан комплекс компьютерных программ на языке программирования высокого уровня С++.

Пятая глава диссертационной работы состоит из двух параграфов, является заключительной и посвящена обсуждению полученных результатов, а также рассмотрению некоторых вопросов их практического применения.

Выводы

Основные научные результаты диссертационной работы

- для интегро-дифференциальной задачи с переменными коэффициентами в линейном случае доказана теорема об абсолютной равномерной сходимости рядов Фурье для третьей краевой задачи, где коэффициенты ряда Фурье удовлетворяют интегральному уравнению типа восстановления, найдено и обосновано решение в виде рядов Фурье для неоднородной задачи с функциональными условиями [1-А, 6-А, 8-А, 11-А];

- доказан принцип максимума для линейных интегро-дифференциальных задач с функциональными условиями и найдены априорные оценки, так же найдено решение пространственно-одномерных линейных задач с функциональными условиями [5-А, 9-А, 12-А];
- создана математическая модель интегро-дифференциальной задачи популяционных волн в нелинейных системах с учётом временно-возрастной структуры и пространственных распределений и доказано её решение [4-А, 7-А];
- доказано и обосновано стационарное решение нелинейной интегро-дифференциальной задачи, предложено определение стационарной численности с учетом возраста и пространственных распределений [2-А, 7-А];
- найдено решение интегро-дифференциальной задачи численности изолированной популяции в частных производных с функциальными начальными условиями для образования плоских, S-волн, стоячих и стационарных волн с учётом возрастного состава и пространственных распределений [7-А,8-А];
- разработан алгоритм численного решения нелинейной интегро-дифференциальной задачи и приведены результаты комплекса компьютерных программ [2-А, 3-А].

Рекомендации по практическому использованию результатов

Результаты исследования имеют значительный вклад в теорию популяционных динамик и могут быть полезны для решения прикладных задач в экологии, биологии и управлении.

Разработанный алгоритм и программный комплекс позволяют решать широкий класс нелинейных интегро-дифференциальных задач, связанных с моделированием популяционных волн, с учётом как временных, так и пространственных эффектов. Применение этих методов в реальных биологических и экологических задачах может значительно повысить точность предсказаний динамики популяций в условиях сложных взаимодействий и внешних воздействий.

Ключевым результатом является создание инструмента, который может быть использован для анализа широкого спектра моделей, от популяционных волн в экосистемах до более специализированных биологических моделей, например, для оценки устойчивости популяций или разработки эффективных стратегий управления ресурсами. Программный комплекс также может стать основой для дальнейших разработок в области численного моделирования экологических и биологических процессов.

Результаты диссертационной работы показывают значимость математического моделирования с функциональными начальными и краевыми условиями для более точного и комплексного понимания динамики популяционных волн. Эти результаты могут быть использованы для дальнейших исследований в области экологии, биологии и управления.

СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ СТАТЕЙ СОИСКАТЕЛЯ

Статьи в рецензируемых журналах:

[1-А] Ф. Раимзода Об одной интегро-дифференциальной задаче с переменными коэффициентами / М.К. Юнуси, Ф. Раимзода // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе. -2015. -1/4(168). – С.15-17.

[2-А] Ф. Раимзода Об одном методе решения одной нелинейной интегро-дифференциальной задачи/ М.К. Юнуси, Ф. Раимзода // Вестник ТНУ. Сер. естественных наук. – 2016. Вып. 1/2(196). – С. 8-13.

[3-А] Ф. Раимзода Алгоритм численного решения одной нелинейной интегро-дифференциальной задачи/ М.К. Юнуси, Ф. Раимзода // Вестник ТНУ. Сер. естественных наук. – 2016. Вып. 1/3(200). – С. 20-22.

[4-А] Ф. Раимзода Математическое моделирование популяционных волн в нелинейных системах с учётом временно-возрастных и пространственных распределений / Ф. Раимзода // Вестник ТНУ. Сер. естественных наук. – 2021. №2. – С. 71-80.

[5-А] Ф. Раимзода Решение одной пространственно-одномерной линейной задачи с функциональными условиями / М.Илолов, Ф. Раимзода // Доклады НАН Таджикистана. – 2023. Т.66. №7-8. С. 400-408.

[6-А] Ф. Раимзода. Представление решения одной неоднородной задачи/ Ф. Раимзода // Доклады НАН Таджикистана, Т.67, №5-6, 254-260 с.

Статьи и тезисы в публикациях конференций:

[7-А] Раимзода Ф. Исследование нелинейных популяционных волн с учетом возрастного состава и пространственных распределений / Ф. Раимзода //

Материалы международной научной конференции, посвященной 70–летию академика НАН Таджикистана Шабозова Мирганда Шабозовича (Душанбе, 24-25 июня 2022 г.) С.312-314.
[8-А] Раимзода Ф. Решение неоднородной интегро-дифференциальной задачи с функциональными начальными условиями / Ф. Раимзода // Материалы международной научной конференции, «Современные проблемы математики и её приложения» посвященной 20–летию развития естественных, точных и математических наук 2020-2040 годы (Душанбе, 20-21 октября 2022 г.) С.180-182.
[9-А] Раимзода Ф. Компьютерное моделирование процесса защиты растенй с произвольными трофическими функциями / Одинаев Р.Н., Раимзода Ф. // Материалы международной научной конференции, посвященной 70–летию образования Таджикского национального университета и 80-летию академика АН Республики Таджикистан, д.ф.-м.н., профессора Раджабова Нусрата (Душанбе, 25-26 сентября 2018 г.) С.132-137.
[10-А] Раимзода Ф. Доказательство принципа максимума для линейных интегро-дифференциальных задач с функциональными условиями / Раимзода Ф, Нарзуллоев П.Л., Раимзода Фарахноз. // Материалы международной научно-практической конференции «Компьютерный анализ проблем науки и технологий», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» г.Душанбе 2023 год, 298-302 с.
[11-А] Раимзода Ф. Об одной обратной задаче для теплопроводности / Илолов М., Раимзода Ф. // Материалы международной научной конференции посвященной 75-летию ТНУ, 20-летию развития точных, естественных и математических наук 2020-2040 годы, и 85-летию академика НАН Таджикистана Раджабов Нусрат. г.Душанбе 2023 год,
[12-А] Раимзода Ф. Об одном решении задачи с начальными и краевыми условиями 3-го рода / Раимзода Ф // Материалы XII-международной научно-

практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её приложения», посвященной «Объявления 2020-2040 годы,20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе,18 май 2024), 333-336 с.

[13-А] Раимзода Ф. Решение одной задачи с функциональными начальными условиями и краевыми условиями 3-го рода / Раимзода Ф., Раимзода Ф., Мусоев С.С. // Материалы международной научно-практической конференции XIV Ломоносовские чтения «Роль филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе в развитии науки и образования».(22-23 ноября 2024г.), 107-110с.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК:517911/.958
ББК: 22.193
Р-18

Бо ҳуқуқи дастнавис

Раимзода Фаррухшох

ОИД БА НАЗАРИЯИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ҒАЙРИХАТТӢ ДАР ҲОСИЛАҲОИ ХУСУСӢ БО ШАРТҲОИ ИБТИДОИИ ФУНКСИОНАЛӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ДИНАМИКАИ ПОПУЛЯТСИЯҲО

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 05.13.18 Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва маҷмуъи барномаҳо

Душанбе-2025

Кори илмӣ дар кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбарони илмӣ: **Юнусӣ Маҳмадюсуф Қамарзода** доктори илмҳои физика ва математика, профессор.
Илолов Мамадшо Илолович, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессори кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиали Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаризони расмӣ: **Фарҳод Шокир** - д.и.ф.м., ходими пешбари илмии шубаи наномавод ва нанотехнологияи Институти физикаю техника ба номи С.У.Умарови АМИТ
Қозиев Гулназар Мавлоназарович – н.и.ф.м., мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Институти математика ба номи А.Ҷураеви АМИТ.

Ҳимоя 11 июни соли 2025 соати 14:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КАО-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар суроғаи: 734025, Шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни-Ҳисорак, корпуси 17, аудиторияи 203 ҷойгир аст, баргузор мешавад.

Диссертатсияро дар Китобхонаи маркази илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ё дар сомонаи http://www. tnu.tj.
Автореферат фиристода шудааст «_____» «____» 2025с.

Котиби илмӣ шурои диссертатсионии 6D.КАО-011,
номзади илмҳои физика ва математика Ғафоров А.Б.

Муқаддима

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот. Дар таҳқиқи масъалаҳо дар соҳаҳои физика, механика ва дигар фанҳои илмӣ муодилаҳои дифференсиалӣ дар ҳосилаҳои хусусӣ аҳамияти муҳим доранд. Ба синфи чунин муодилаҳои тартиби дуюм, ки ба намуди параболикӣ тааллуқ доранд, диққати махсус дода мешавад ва барои онҳо вариантҳои гуногуни шартҳои ибтидоӣ ва канорӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар ин соҳа олимон ба монанди А. Фридман[1], В. С. Владимиров[2], О. А. Ладыженская, Н. Н. Уральцева, В. А. Солонников[3], Б. П. Михайлов[4], А. Н. Тихонов ва А. А. Самарский [5], Р. Курент[6] ва корҳои А. М.Ильин, А. С. Калашников, О. А. Олейник [56], А. Ф. Филиппов [7], О. А. Олейник ва С. Н. Кружков[8], инчунин бисёр олимони дигар ҳиссаи калон гузоштанд. Ин таҳқиқотҳо ба тафтиши дурустии шартҳои ибтидоӣ ва сарҳадӣ дар фазои маҳдуд ва беохир, ба даст овардани ҳисобҳои априорӣ ва формулаҳо барои муаррифии ҳалҳо ва таҳлили устувории ҳаллӣ статсионарӣ нигаронида шудаанд. Принсипҳои максимум, теоремаҳои муқоисаи ҳалҳо ва як қатор дигар ҷиҳатҳо низ омухта мешаванд. Дар протсесси кор дар чунин соҳаҳо, монанди биологияи математикӣ, физика, экология ва иктисодиёт, тартиб додани масъалаҳои нави муодилаҳои дифференсиалии дар ҳосилаҳои хусусӣ дорои шартҳои функсионалӣ ба миён омаданд. Муодилаҳои тартиби аввал бо масъалаҳои хаттӣ ва шартҳои функсионалӣ дар осори олимон ба монанди Вольтерра В[9], Полуэктов

---

[1] Фридман А. Уравнения с частными производными параболического типа .-М.: Мир, 1968.-423с.

[2] Владимиров В.С. Уравнения математической физики. М:, Наука,1988.-512с.

[3] Ладыженская О.А., Солонников В.А., Уральцева Н.Н.Линейные и квазилинейные уравнения параболического типа, м.Наука, 1967.

[4] Михайлов В.П. Дифференциальные уравнения в частных производных, М.: Наука, 1976.-39Iс.

[5] Тихонов А.Н., Самарский А.А. Уравнения математической физики, м., Наука, 1972.

[6] П.Курант Р. Уравнения с частными производными, М.: Мир 1964.

[7] Филиппов А.Ф. Об условиях существования решений квазилинейного параболического уравнения, дан СССР, т.141,N3(I961), с. 568-570.

[8] Олейник О.А. Кружков С.Н. Квазилинейные параболические уравнения второго порядка со многими независимыми переменными, УМН, т.16 в 5(1961), с. 115-155.

[9] Вольтерра В. Математическая теория борьбы за существование / В. Вольтерра. – М.: ИКИ, 2004. – 288 с.

Р.А[10], Моисеев Н.Н[11], М.Юнус[12] мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асарҳои М. Юнусӣ[12] ҷанбаҳои гуногуни шартҳои функсионалӣ муфассал таҳлил шудааст.

Бо рушди технологияи иттилоотӣ назарияи мавҷҳои ғайрихаттӣ ҳамчун фанни илмӣ фаъолона инкишоф ёфта наздикшавӣ барои ҳалли ададии муодилаҳои хусусиро имкон медиҳад, ки паҳншавии мавҷҳоро дар муҳити гуногун тавсиф кунанд. Ба вуҷуд овардани асбобҳои пуриқтидори математикӣ барои ҳалли дақиқи аналитикии як қатор муодилаҳои дифференциалии гайрихаттӣ имкониятҳо фароҳам овард. Моделсозии математикӣ воситаи асосии омӯзиши сенарияҳои гуногуни инкишоф ва таъсири мутақобилаи популятсияҳо, баҳодиҳии динамикаи вақтӣ-фазоии системаҳои биологӣ ва пешгӯии аксуламали системаҳои табиӣ ба таъсироти беруна гардид. Тағйироти як ё якчанд характеристикаҳои системаи биологии омӯхташавандаро бо назардошти синну сол ва сохтори фазоии онро бо истифода аз моделҳои математикӣ тавсиф кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳими моделсозии математикӣ ва математикаи амалӣ – моделсозии равандҳои популятсияҳои биологӣ ва асосноккунии онҳо, инчунин таҳияи алгоритмҳо бо мақсади ошкор ва ташаккул додани мавҷҳои истодаи популятсияи ғайрихаттӣ бо назардошти вақту синну солӣ, тақсимоти фазоии системаҳои мураккаб (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, техникӣ ва ғайра) баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур мубрам ва серталаб аст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ. Дар биологияи математикии популятсия тавсифи популятсияҳои сохторӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва ҷолибтарин дар асоси дастгоҳи муодилаҳои дифференсиалии дар ҳосилаҳои хусуси мебошад. Масъалаҳои математикие, ки дар ин кори диссертатсионӣ омӯхта шудаанд, ба

[10] Полуэктова Р.А. Динамическая теория биологических популяций [Текст] / под ред. Р.А. Полуэктова. – М.: Наука, 1974. – 455 с.

[11] Моисеев Н.Н. Модели экологии и эволюции [Текст] / М.Н. Моисеев. – М.: Знание, 1983. – 64 с. – (Новое в жизни науке, технике. Сер. Математика, кибернетика. № 10).

[12] Юнусов М.К. Математические модели управления агроценозами и охраняемыми биологическими популяциями. Диссертация на соискание ученной степени доктора физ-мат. наук.м.: ВЦ АН СССР, 1990г.-312с.

системаҳои биологӣ, популятсияҳо бо назардошти таркиби синну солӣ, тақсимоти фазоии мавҷҳои популятсия, ки бо истифода аз синфи масъалаҳои интегро-дифференсиалӣ тасвир шудаанд, бахшида шудааст.

Соли 1905 С.С.Четвериков аввалин маротиба мафҳуми мавҷҳои популятсияро ба истифодаи экологӣ ворид кард. Аз он вақт инҷониб, бисёр мутахассисон масъалаи шумораи популятсияҳои биологии ба ҳам таъсиркунандаро фаъолона омӯхтанд, ки он дар корҳои сершумори олимон ба монанди В. Вольтер[9], Ю.М.Свирежев[13], Д.О.Логофет[14], А.Д.Базыкин[15] инъикос ёфта, дорои руйхати библиографии васеъ мебошад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия илмӣ дар доираи татбиқи нақшаи дарозмуддати корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии факултети механика-математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 анҷом дода шудааст, дар мавзӯи «Таҳияи моделҳои математикӣ, алгоритмҳо ва барномаҳои ҳалли масъалаҳои амалӣ» ва барои солҳои 2020-2025 дар мавзуи «Таҳияи моделҳои математикӣ ва компютерӣ, алгоритмҳо, комплекси программаҳо ва методҳои таълими информатика, математика ва табиатшиносӣ».

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқи кори диссертатсионии мазкур таҳияи усули таҳлилии моделсозии математикии баъзе падидаҳои физикӣ, аз қабили мавҷҳои популятсионӣ ва мавҷҳои истодаи популятсионӣ дар системаҳои ғайрихаттӣ бо назардошти тақсимоти вақт ва фазоӣ мебошад, ки бо муодилаҳои дифференсиалӣ дар ҳосилаҳои хусусии тартиби дуюм ва сеюм бо шартҳои ибтидоии функсионалӣ тавсиф карда мешаванд.

---

[13]Свирежев Ю.М. Математическое моделирование биологических систем / Ю.М. Свирежев, Е.Я. Елизаров. – М.: Наука, 1972. – 160 с.

[14] Логофет, Д.О. Исследование системы пар «хищник—жертва», связанных по конкуренции [Текст] / Д.О. Логофет // Докл. АН СССР. – 1975. – Т. 224, № 3. – С. 529-531.

[15] Базыкин А.Д. Математическая биофизика взаимодействующих популяций / А.Д. Базыкин. – М.: Наука, 1985. – 181 с.

Вазифаҳои таҳқиқот. Вазифаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат аст:

- барои масъалаи интегро-дифференсиалӣ бо коэффитсиентҳои тағйирёбанда дар ҳолати хаттӣ исбот кардани теоремаи мувофиқати мутлақи якхелаи қаторҳои Фурьеро барои масъалаи 3-канорӣ, ки дар он коэффициентҳои қатори Фурье муодилаи интегралии навъи баркароркуниро қонеъ мекунанд, ҳалли масъалаи якҷинса бо шартҳои функсионалӣ дар шакли қаторҳои Фурьеро ёфта асоснок шавад;
- принсипи максимум барои масъалаҳои хаттии интегро-дифференсиалӣ бо шартҳои функсионалӣ исбот карда шавад ва арзёбиҳои априори пайдо карда шавад, инчунин ҳалли масъалаҳои хаттии фазоӣ-якченака бо шартҳои функсионалӣ пайдо карда шавад;
- сохтани модели математикии масъалаи интегро-дифференсиалии мавҷҳои популятсионӣ дар системаҳои ғайрихаттӣ бо назардошти сохтори вақту синну сол ва тақсимоти фазоӣ ва исботи ҳалли он;
- ҳалли статсионарии масъалаи интегро-дифференсиалии ғайрихаттиро исбот ва асоснок кардан, муайян кардани шумораи статсионарии популятсияҳо бо назардошти тақсимоти синну сол ва фазоӣ.
- ҳалли масъалаи интегро-дифференсиалии шумораи популятсияи маҳдудкардашуда дар ҳосилаҳои хусусӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалии ташаккули мавҷҳои ҳамворӣ, S-мавҷҳо, мавҷҳои истода ва статсионарӣ бо назардошти таркиби синну сол ва тақсимоти фазоӣ ёфта шавад;
- таҳия кардани алгоритми ҳалли ададии масъалаи интегро-дифференсиалии ғайрихаттӣ ва комплекси барномаҳои компютерӣ барои мавҷҳои популятсионӣ дар системаҳои биологӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти омӯзиш синфи муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалӣ мебошад.

Предмети таҳқиқот. Моделсозии математикии мавҷҳои популятсия бо истифода аз системаҳои хаттӣ ва ғайрихаттии муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ дар ҳосилаҳои хусусӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалӣ.

Навгони илмии таҳқиқот. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

- барои масъалаи интегро-дифференсиалӣ бо коэффитсиентҳои тағйирёбанда дар ҳолати хаттӣ исботи теоремаи мувофиқати мутлақи якхелаи қаторҳои Фурьеро барои масъалаи 3-канорӣ, ки дар он коэффитсиентҳои қатори Фурье муодилаи интегралии навъи барқароркуниро қонеъ мекунанд, ҳалли масъалаи якҷинса бо шартҳои функсионалӣ дар шакли қаторҳои Фурье ёфта ва асоснок шудааст;
- принсипи максимум барои масъалаҳои хаттии интегро-дифференсиалӣ бо шартҳои функсионалӣ исбот карда шуда ва арзёбиҳои априорӣ пайдо карда шудааст, инчунин ҳалли масъалаҳои хаттии фазоӣ-якченака бо шартҳои функсионалӣ пайдо карда шудааст;
- сохтани модели математикии масъалаи интегро-дифференсиалии мавҷҳои популятсионӣ дар системаҳои ғайрихаттӣ бо назардошти сохтори вақту синну сол, тақсимоти фазоӣ ва исботи ҳалли он оварда шудааст;
- ҳалли статсионарии масъалаи интегро-дифферентсиалии ғайрихаттӣ исбот ва асоснок карда шудааст, муайян кардани шумораҳои популятсияи статсионариро бо назардошти синну сол ва тақсимоти фазоӣ пайдо карда шудааст;
- ҳалли масъалаи интегро-дифференсиалии шумораи популятсияи ҷудошуда дар ҳосилаҳои хусусӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалии ташаккули мавҷҳои ҳамвор, S-мавҷҳо, мавҷҳои истода ва статсионарӣ бо назардошти таркиби синну сол ва тақсимоти фазоӣ пайдо карда шудааст;
- алгоритми ҳалли ададии масъалаи интегро-дифференсиалии ғайрихаттӣ таҳия карда шудааст, инчунин комплекси барномаҳои компютерӣ барои мавҷҳои популятсионии системаҳаи биологӣ сохта шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Кор характери назариявӣ ва амалӣ дорад. Қимати назариявии кор дар омӯзиши масъалаҳои хаттӣ ва ғайрихаттӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалӣ мебошад. Натиҷаҳои назариявии кори диссертатсиёниро барои таълими курсҳои махсуси донишҷӯён ва магистрҳои ихтисоси «Информатика» аз фанни «Моделсозии математикии системаҳои биологӣ» ва «Моделсозии математикии системаҳои мураккаб» дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалӣ аз истифодаи натиҷаҳои кори диссертатсиёнӣ ба даст овардашуда дар моделсозии математикии шумораи популятсияҳои биологӣ ва барои ҳалли масъалаҳои амалии экология, биология ва идоракуни мебошад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- теоремаҳо дар бораи мувофиқати мутлақи қаторҳои Фурье барои масъалаи 3-канорӣ, ки коэффитсиентҳои қатори Фурье ба муодилаи интегралии намуди барқарорсозӣ қаноат мекунад;
- теоремаҳои принсипи максимум барои масъалаҳои хаттӣ бо шартҳои функсионалӣ ва арзёбиҳои априорӣ;
- теоремаҳо дар бораи мавҷудият ва ягонагии ҳалли классикӣ барои масъалаҳои фазоӣ-якченака ва масъалаҳо бо шартҳои функсионалӣ дар ҳамворӣ;
- теоремаҳо дар бораи мавҷудияти роҳҳои ҳалли модели математикии масъалаи интегро-дифференсиалии мавҷҳои популятсия дар системаҳои ғайрихаттӣ бо назардошти сохтори синну сол ва тақсимоти фазоӣ;
- теоремаҳо оид ба мавҷудияти ҳалли статсионарии масъалаи интегро-дифференсиалии ғайрихаттӣ бо назардошти тақсимоти синну сол ва фазоӣ;
- теоремаҳо оид ба мавҷудияти ҳалли масъалаи интегро-дифференсиалии шумораи популятсияҳои ҷудошуда дар ҳосилаҳои хусусӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалӣ;
- барои системаи ғайрихатии масъалаҳои интегро-дифференсиалӣ алгоритми ҳалли ададӣ таҳия шуда, барои мавҷҳои популятсионии биологӣ комплекси барномаҳои компютерӣ тартиб дода шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Ҳама теоремаҳо, тасдиқотҳо ва формулаҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо далелҳои дақиқ тасдиқ карда шудаанд, як қатор хулосаҳо бо таҳқиқоти дигар муаллифон мувофиқанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот). Кори диссертатсионӣ мувофиқи бахшҳои зерини шиносномаи ихтисоси 05.13.18 – «Моделсозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо» анҷом дода шудааст» (бандҳои 2,5,6,8):

***банди* 2**. Таҳияи усулҳои сифатӣ ва тахминии таҳлилии омӯзиши моделҳои математикӣ.

***банди* 5**. Таҳқиқи комплексии проблемахои илмӣ-техникӣ бо истифода аз технологияи ҳозиразамони моделсозии математикӣ ва таҷрибаи ҳисоббарор.

***банди* 6**. Кор карда баромадани усулҳо ва алгоритмхои нави математики барои шарҳ додани таҷрибаҳои мукаммал дар асоси модели математикии он.

***банди* 8**. Таҳияи системаҳои компютерӣ ва моделсозӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудааст. Муҳокима ва нашри натиҷаҳои илмӣ бо ҳаммуаллифон ва роҳбар анҷом дода шуд, аммо мазмуни асосии ин таҳқиқот ва муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро дар кори иҷрошуда инъикос мекунанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Маводҳои диссертатсия дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муаррифӣ ва муҳокима гардиданд: Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ ва кормандони ДМТ бахшида ба 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016); Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ ва кормандони ДМТ, бахшида ба “20-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ” ва “Соли ҷавонон” (Душанбе 2017г); Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони ДМТ бахшида ба "Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор, солҳои 2018-2018", "Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", "140-

солагии зодрӯзи қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" (2018); Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ, бахшида ба 70-солагии таъсисёбии ДМТ ва бахшида ба 80-солагии таваллуди академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.ф.-м.н., профессор Н.Р. Раҷабова "Масъалаҳои муосири математика ва татбиқи онҳо" (Душанбе, 2018); Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии ҳайати устодону омӯзгорони ДМТ, бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021) " ва "400-солагии Миробид Сайдои Насафӣ" (20-27 апрели соли 2019); Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80-солагии математики маъруфи тоҷик, профессор Бекназар Имомназар (Душанбе, 10-11 июни соли 2019); Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии ҳайати устодону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахшида ба "5500-солагии Саразми қадимӣ" , "700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ" ва "20-солагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (2020-2040 солҳо)"; XI Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва 70-солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Юнуси Маҳмадюсуф Қамарзод (Душанбе, 27-28 декабри соли 2018); Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба 70-солагии профессор Ҷангибеков Гулхоҷа (Душанбе, 30-31 январи соли 2020); Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба 70-солагии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шабозов Мирганд Шабозович (Душанбе, 24-25 июни соли 2022); Конференсияи байналмилалии илмӣ, "Мушкилоти муосири математика ва барномаҳои он" бахшида ба 20-солаи рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040 (Душанбе, 20-21 октябри соли 2022); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Таҳлили компютерии мушкилоти илму техника", бахшида ба "2020-2040, 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф" ва "75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" Душанбе 2023; дар Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба 75-солагии ДМТ, 20-умин солгарди рушди илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ 2020-2040 ва 85-солагии академики

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Нусрат Раҷабов. Душанбе 2023; Конференсияи XII-байналмилалии илмию амалии “Мушкилоти муосири моделсозии математикӣ ва татбиқи он”, бахшида ба “Эълоншудани солҳои 2020-2040, 20-солагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” ва “75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” (Тоҷикистон, Душанбе, 18 майи соли 2024).

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия. Тибқи маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия таҳризишаванда ва 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 136 саҳифаро ташкил медиҳад, аз ҷумла 16 расм ва 134 рӯйхати библиографӣ. Рақамгузории формулаҳо барои ҳар як боб алоҳида ва барои расмҳо ва ҷадвалҳо умумӣ аст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар кори диссертатсионӣ усулҳои муосири таҳлили функсионалӣ ва назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ дар ҳосилаҳои хусусӣ, яъне усули арзёбии априорӣ, принсипи максимум, усули ҷудо кардани тағирёбандаҳо, усули табдили Фурье ва усули наздикшавии пайдарпайӣ истифода мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро мухтасар шарҳ медиҳем.

Дар **муқаддима** аҳамияти мавзӯи кори диссертатсионӣ асоснок карда мешавад, мундариҷаи кор мухтасар тасвир карда мешавад, шарҳи мухтасари натиҷаҳои мавҷуда дар мавзӯи диссертатсия оварда мешавад.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили адабиёти омухташудаи моделсозии математикии мавҷҳои популятсионӣ, ки бо муодилаҳои дифференсиалӣ дар ҳосилаҳои хусусӣ бо шартҳои ибтидоии функсионалӣ тасвир карда мешаванд, бахшида шудааст.

Дар **боби дуюми** кори диссертатсионӣ масъалаи хаттии интегро-дифференсиалӣ бо шартҳои функсионалии ибтидоӣ ва канорӣ таҳқиқ карда мешавад.

Боби дуюми диссертатсия аз 4 параграф иборат аст ва ба таҳқиқи масъалаи интегралӣ-дифференсиалӣ бо шартҳои функсионалии ибтидоӣ ва канорӣ бахшида шудааст.

Дар параграфи дуюми **боби дуюм** барои масъалаи интегралӣ-дифференсиалӣ дар ҳолати хаттӣ теорема дар бораи мувофиқати мутлақи қатори Фурье барои масъалаи 3-канорӣ исбот карда шудааст, ки дар он коэффитсиентҳои қатори Фурье ба муодилаи интегралии намуди барқарорсозӣ қаноат мекунад.

Дар соҳаи

$Q = G \times [0,t_k] \times [0,\infty],\ 0 \le t_k < \infty,$ дар инҷо

$\ddot{G} = G + S,\ G = \{x = (x_1, x_2) : 0 < x_i < L_i,\ L_i < \infty,\ i = 1,2\}$

$S-$ ҳудуди соҳаи G. Масъалаи зеринро дида мебароем [1 − A]:

Ҳалли муодилаи

$$\frac{\partial N}{\partial t} + \frac{\partial N}{\partial a} + \sum_{i=1}^{2} V_i \frac{\partial N}{\partial x_i} = F(a,t)N + \sum_{i=1}^{2} D_i \frac{\partial^2 N}{\partial x_i},\ x \in G,\ 0 < t \le t_k,\ 0 < a < \infty \qquad (1)$$

ёфта шавад, ки шартҳои ибтидои ва сарҳадии зеринро қаноат мекунад:

$$N|_{t=0} = N_0(x,a),\ \ x \in \ddot{G},\ 0 \le a < \infty \qquad (2)$$

$$N|_{t=0} = \int_0^\infty B(a,t)N(x,a,t)da,\ \ x \in \ddot{G},\ \ 0 \le t \le t_k, \qquad (3)$$

$$N(x,a,t)|_S = 0,\ \ 0 \le a < \infty,\ \ 0 \le t \le t_k,\ \ x \in \ddot{G}. \qquad (4)$$

Дар ин ҷо $V_i, D_i = 1,2$ – ададҳои мусбати додашуда, $F(a,t), B(a,t), N_0(x,a)-$ функсияҳои муқарраршудаи манфии аргументҳои худ. Функсия $N_0 = N_0(x,a),\ x \in \overline{G},\ 0 \le a < \infty,$ ҳосилаҳои умумӣ доранд

$\frac{\partial N_0}{\partial a}, \frac{\partial N_0}{\partial x_i}, \frac{\partial^2 N_0}{\partial a \partial x_i}, \frac{\partial^2 N_0}{\partial x_1 \partial x_2}, \frac{\partial^3 N_0}{\partial a \partial x_1 \partial x_2}$ ва онҳо бо a, маҳдуд карда шудаанд, $0 \le a < \infty,\ i = 1,2.$

Қайд мекунем, ки муодилаи (1) тақсимоти шумораи популятсияро дар нуктаи $x \in \ddot{G}$ сину соли $a \in [0, \infty)$ дар вақти $t \in [0, t_k]$ тасвир мекунад, ва муодилаи (3) функсияи таваллудёбиро барои шумораи навзодон муайян мекунад.

Масъалаи (1) - (4) умумикунии табиии масъалаҳои мувофиқи дар корҳои[16] мебошад, ки дар он ҳолати *N=N(a,t)*, баррасӣ карда мешавад.

Аз ин баъд чунин меҳисобем, ки шартҳои мувофиқа иҷро шудаанд: $N(x,a)|_S = 0,\ \ N_0(x,a) = \int_0^\infty B(a,0) N_0(x,a) da.$ Дар акси ҳол, мо бояд функсияи $N(x,a,t)$ -ро ҷудошаванда ҳисоб кунем, ки ин баъзе мушкилоти формалиро ба вуҷуд меорад, аммо ҳеҷ чизро тағйир намедиҳад.

Теоремаи 2.2.1. *Бигзор* $F(a,t) \equiv F(a),\ B(a,t) \equiv B(a)$ барои ҳамаи $0 \le a < \infty,\ 0 \le t \le t_k,\ \|F(a)\|_C < \infty,\ \|B(a)\|_C < \infty,\ \frac{\partial N_0}{\partial a} \in C_{(0,\infty)}$ ва $\delta_{n_1,n_2}^{\max}$, $\delta|_{n_1,n_2}$ *- решаҳои муодали ҳисоб карда мешавад*

$$\int_0^\infty \widetilde{B}_n(a) e^{-\delta a} da = 1,\ \ \widetilde{B}_n(a) = B(a) e^{-\gamma_n a + \int_0^\infty F(\xi) d\xi}, \tag{5}$$

$$n_k = 1,2,3,...,\ \ n = (n_1, n_2),\ k = 1,2$$

Дар ин ҳолат ҳалли масъалаи (1) - (4) дар шакли

$$N_0(x,a,t) = \frac{2}{L_1 L_2} \sum_{n=1}^\infty C_n^j e^{\delta_n^{\max}(t-a)} + \sum_{j=1}^\infty C_n^j e^{a_n^j (t-a)} \cos(\omega_n^j (t-a)) \exp\{-\lambda_n a + \int_0^a F(\xi) d\xi + \frac{V_1 x_1}{2D_1} + \frac{V_2 x_2}{2D_2}\} *$$
$$* \sin\frac{\pi n_1 x_1}{L_1} \sin\frac{\pi n_2 x_2}{L_2} \tag{6}$$

[16] Ф. Раимзода Об одной интегро-дифференциальной задаче с переменными коэффициентами / М.К. Юнуси, Ф. Раимзода // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе. -2015. -1/4(168).-С.15-17.

пешниҳод мешавад, ки дар ин ҷо

$$\lambda_n = \sum_{k=1}^{2}\left[\frac{V^2 k}{nD_k} + D_k\left(\frac{\pi\, n_k}{L_k}\right)^2\right],\ n=(n_1,n_2),\ n_k=1{,}2.3,...,\ k=1{,}2,\ C_n^j,\ j=1{,}2{,}3{,}4.\text{-}$$

коэффитсиентҳои тақсимоти функсияи

$$\widetilde{N}_n^0(a) = \int_0^{L_1}\int_0^{L_2} N_0(x,a)\, e^{\frac{V_1 x_1}{2D_1} - \frac{V_2 x_2}{2D_2} - \int_0^a F(\xi)d\xi + \lambda_n a} \sin\frac{\pi\, n_1 x_1}{L_1}\sin\frac{\pi\, n_2 x_2}{L_2} \quad \textit{мебошад.}$$

Ба қатори экспонентҳо бо нишондиҳандаҳои

$$\beta_n^j = \delta_n^j + \lambda_n\,, \delta_n^j = a_n^j + i\,\omega_n^j\,,\ n=(n_1,n_2),\ n_k=1{,}2{,}3,...$$

Эзоҳ 2.2.1. *Бигзор* $\int_0^\infty \widetilde{B}_n(a)da = 1,\ n_k = 1{,}2{,}3,...,\ n=(n_1,n_2),$ *он гоҳ ҳалли статсионарии масъалаи (1) - (4) мавҷуд аст ва он дар шакли*

$$N^*(x,a) = \frac{2}{\sqrt{L_1 L_2}}\sum_{n=1}^{\infty} e^{-\lambda_n a + \int_0^a F(\xi)d\xi + \frac{V_1 x_1}{2D_1} + \frac{V_2 x_2}{2D_2}} \sin\frac{\pi\, n_1 x_1}{L_1}\sin\frac{\pi\, n_2 x_2}{L_2}$$

пешниҳод мешавад.

Агар

$\int_0^\infty \widetilde{B}_n(a)da = 1,\ n_k = 1{,}2{,}3,...,\ n=(n_1,n_2),$ *дар формулаи* (6) $\delta_n^{\max} > 0$ *ва аз ин рӯ бо афзоиши t функсияи N ((x,a,t) ҳисобкунии номаҳдуд.*

Агар

$$\int_0^\infty \widetilde{B}_n(a)da < 1,\ n_k = 1{,}2{,}3,...,\ n=(n_1,n_2),\quad \textit{он гоҳ}\ \delta_n^{\max} < 0 \qquad \textit{ва}\ \ N(x,a,t)\to 0$$

Дар параграфи дуюми **боби дуюм** барои масъалаи ғайриякҷинсаи бо шартҳои функсионалӣ ҳал дар шакли қаторҳои Фурье ҳосил ва асоснок карда шудааст. Масъалаи зеринро дида мебароем: ҳалли муодилаи дифференсиалии хаттии ғайриякҷинсаи

$$\partial_{tax} N = F_0(a,t)N + f(x,a,t), \qquad x\in G,\ \ 0<a<\infty,\quad 0<t\le t_{k,} \tag{7}$$

ёфта шавад, ки шартҳои ибтидои ва сарҳадии зеринро қаноат мекунад:

$$N(x,a) = N_0(x,a), \quad x\in\overline{G},\quad 0\le a<\infty, \tag{8}$$

$$N(x,0,t)=\int_0^\infty B_0(\xi,t)N(x,\xi,t)d\xi, \quad x\in\overline{G},\ \ 0\le a\le t_k, \tag{9}$$

$$N|_s=0, \tag{10}$$

дар ин ҷо $\partial_{tax}=\frac{\partial}{\partial t}+\frac{\partial}{\partial a}+\sum_{i=1}^{2}\left[V_i\frac{\partial}{\partial x_i}-\frac{\partial}{\partial x_i}\left(D_i\frac{\partial}{\partial x_i}\right)\right],\quad N=N(x,a,t)$ - шумораи популятсия дар нуқтаи x сину соли a дар вақти t, $F_0(.)$, $B_0(.)$ - мувофиқан коэффитсиенти фавт ва таваллуди баъзе популятсияи ҷудошуда, V_i, D_i, α – адаҳои мусбати додашуда мебошанд.

Дар баробари шарти сарҳадӣ (10) шарти сарҳадии навъи сеюмро низ дида мебароем

$$\left(\frac{\partial N}{\partial x_i}+\alpha_i N\right)|_s=0, \qquad \alpha_i=-\frac{V_i}{2D_i}, \quad i=1,2. \tag{11}$$

Аз ин пас, фарз мекунем, ки шартҳои мувофиқати сарҳадӣ ва шартҳои ибтидоӣ иҷро шудаанд.

Таъриф. Ҳалли масъалаи ғайриякҷинсаи (7) – (10) , (11) -ро дар шакли функсияи бефосилаи $\frac{\partial N}{\partial t},\frac{\partial N}{\partial a},\frac{\partial N}{\partial x_i},\frac{\partial^2 N}{\partial x_i^2},\quad i=1,2$ мефаҳмем, ки дорои ҳосилаҳои бефосила буда, шартҳои (7) – (10), (11)-ро қаноат мекунанд.

Теоремаи 2.2.1. *Бигзор шартҳои зерин иҷро шаванд:*

а) $F_0(a,t)=F_0(a),\ B_0(a,t)=B_0(a),\qquad V_i=const>0,\ D_i=const>0.$

Функсияҳои $F_0(a),\ B_0(a),N_0(x,a)$ *муайян ва бефосила бо таъғирёбандаҳои худ.*

